Эй писар! (дар ибтидои таом) номи Аллоҳро бигӯ, бо дасти ростат бихӯр ва аз он чи дар пешат аст, бихӯр

Аз Умар ибни Абусалама (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Ман навҷавоне таҳти сарпарастии Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) будам ва дастам дар табақи таом ҳар тараф мерафт. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ман гуфт:" Эй писар! (дар ибтидои таом) номи Аллоҳро бигӯ, бо дасти ростат бихӯр ва аз он чи дар пешат аст, бихӯр". Баъд аз он ҳамавақт таом хӯрдани ман ин гуна буд.

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Умар ибни Абусалама, писари ҳамсари Паёмбар, Умми Салама (разияллоҳу анҳумо), ки таҳти тарбият ва сарпарастии Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) қарор дошт, хабар медиҳад, ки дар вақти таом хӯрдан дасташ дар табақи таом ба ҳар тараф мерафт, то ин ки ғизоро бигирад (аз пеши худаш намехӯрд), пас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) се одоб аз одобҳои таом хӯрданро барояш ёд доданд: Якум: "Бисмиллоҳ" (Ба номи Аллоҳ) гуфтан дар оғози таом. Дувум: бо дасти рост хӯрдан. Севум: хӯрдан аз ҷое, ки таом наздики ӯ аст.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/58120

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee